# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 172 с.

Омӯзишу таҳқиқи адабиёти бадеӣ ва маҳорати нигорандагии адибону суханварон ба таври возеҳ бармало месозад, ки мақсади асосии ҳар эҷодкор аз офариниши осори адабӣ, сарфи назар аз шаклу қолаби он, ба таври ҳунармандона ва муассиру дилнишин ба мухотабони худ расонидани андеша ва паёми завқиву истеҳсонист. Шинохти дурусту мушаххас ва муайяну муқаррар кардани мақом ва ҷойгоҳи суханварон ҳангоме муяссар мегардад, ки фаъолияти эҷодӣ, ҳавзаву муҳити адабӣ, ҷанбаҳои ҳунарию зебоишинохтӣ, сабку услуб ва дигар паҳлуҳои эҷодии онҳо ҳамаҷониба ба доираи таҳқиқ кашида шаванд. Агар аз ҳамин дидгоҳ, ба диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» баҳогузорӣ намоем, метавон гуфт, ки он ба яке аз масоили муҳим ва дастнохӯрдае дар адабиётшиносии муосир бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар он зоҳир мешавад, ки то имрӯз, роҷеъ ба ҷилваҳои ҳунарӣ, таҳаввулу такомул ва равишҳои маърифатии шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX ва бозтоби онҳо дар ашъори Ғоиб Сафарзода, ки яке аз намояндагони адабиёти ин даврон ба шумор меравад, таҳқиқоти амиқу густарда сурат нагирифтааст. Тавре дар диссертатсия қайд мешавад: «Солҳои 60-70-ум, ки солҳои ниҳоят пурбор дар таҳаввули шеъри тоҷик дониста мешаванд, бо кӯшишу ғайрати шоирони он солҳо ҷавон, ба мисли Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром, Мастон

Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон, ки дар миёнашон Ғоиб Сафарзода ҳам аз чеҳраҳои ҷавони шинохта буд, ба тозакориҳои назаррас ноил гардид. Аммо дар адабиётшиносии муосир то имрӯз касе дар бораи шеъри Ғоиб Сафарзода муфассал сухан нагуфтааст» (диссертатсия, с. 6).

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар диссертатсия масъалаҳои мубрами шеършиносии тоҷик, аз ҷумла навоварӣ дар сохтор ва муҳтавои шеъри суннатӣ мавриди баҳс қарор гирифта, саҳми адибони алоҳида дар ҷараёни ин таҳаввулот бо далелҳои муътамад таъйин гардидааст. Дар баробари ин, мавзуъ, ҷараёни таҳаввул, мухтассот ва вижагиҳои шеъри форсии тоҷикии солҳои 60-70, дар мисоли шеъри Ғоиб Сафарзода, ба таври муфассал ва дар шакли монографӣ омӯхта шуда, заминаҳои ташаккули шахсияти адабӣ ва арзишҳои ҳунарии шеъри шоир муайян мегардад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз дастовардҳои илмӣ ва андешаҳои назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёти бадеӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович аз муқаддима, се боб, ки ҳар кадом вобаста ба фарогирии мавзуъ дорои се зербоб мебошанд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳсҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, соҳа ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия «Раванди навгароӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70» унвон дошта, аз се зербоб фароҳам омадааст. Дар зербоби аввали ин боб, ки «Замина ва омилҳои асосии навоварӣ дар шеър» номгузорӣ гардидааст, доир ба зуҳури арузи озод, марҳилаҳои такомул, сабабу омилҳои таҳаввули мавзуъ ва қолабҳои нави шеърӣ дар адабиёт сухан меравад.

Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Мавқеи анвои суннатӣ ва навоварӣ дар он» муаллиф роҷеъ ба мухтассоти жанрҳои маъмули шеъри суннатии тоҷик баҳс ба миён оварда, таъкид месозад, ки бо вуҷуди таъсирпазирӣ аз қолабҳои шеъри нав ва тағйиру таҳаввули

мавзуъ баъзе жанрҳои шеърӣ, аз ҷумла ғазал ва маснавӣ, ҷойгоҳи худро дар адабиёти ин даврон устувор нигоҳ доштаанд.

«Пайдоиш ва таҳаввули анвои нави адабӣ дар шеър» номи зербоби охири боби якум буда, дар ин қисмат муаллиф бо далелҳои муътамад таҳаввули вазни аруз ва сохтори шеъри суннатиро мушаххас намуда, собит месозад, ки дар адабиёти муосири тоҷик нахустин шеъри навпардозонаю қолабшикан «Марши ҳуррият»-и устод Садриддин Айнӣ ба шумор меравад.

Боби дуюми диссертатсия «Ташаккули шахсияти адабии Ғоиб Сафарзода» ном дошта, фарогири се зербоб мебошад. Дар зербоби аввал, ки «Ташаккули шахсияти адабии шоир» номгузорӣ гардидааст, диссертант нақши маҳфилҳои адабиро дар тарбияи эҷодкорони ҷавон муҳим арзёбӣ намуда, таъсири мусбат доштани суҳбату вохӯрӣ, раҳнамоии устодони каломи бадеъ ва робитаи эҷодкорон бо идораи рӯзномаву маҷаллаҳоро дар ташаккули шахсияти навқаламон, аз ҷумла Ғоиб Сафарзода, ба таври муфассал матраҳ менамояд.

Зербоби дуюми ин боб - «Тарҷума – омили такомули маҳорати эҷодии Ғоиб Сафарзода» ба таъйини истеъдоди тарҷумонӣ ва осори мавриди тарҷума қарордодаи Ғоиб Сафарзода ихтисос дошта, муаллиф тарҷумаи шеърҳои Сайёди Наво (шоири арман) ва Набии Хазрӣ (шоири озар)-ро ҳамчун камолоти тарҷумонии Ғоиб Сафарзода муаррифӣ менамояд.

Диссертант дар зербоби сеюми боби дуюм – «Нақди адабӣ – мактаби омӯзиш ва сайқали истеъдоди Ғоиб Сафарзода» ба баррасии маҳорати интиқодии Ғоиб Сафарзода таваҷҷуҳ намуда, дар натиҷаи ковишу мушоҳидаҳо ба хулосае меояд, ки яке аз паҳлуҳои фаъолияти эҷодии адибон дар солҳои мавриди назар ин нақди осори ҳамдигар маҳсуб меёбад. Аз ин ҷост, ки Ғоиб Сафарзода ҳанӯз аз айёми донишҷӯӣ ба масъалаи нақди шеър шавқ пайдо намуда, рӯй овардан ба нақд ва арзёбии

шеъри дигарон боиси бедории тафаккур, таҳкими маҳорат ва такмил ёфтани истеъдоди ӯ дар шоирӣ гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия «Ғоиб Сафарзода ва ҷусторҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70» унвон дошта, дар се зербоби он масъалаҳое перомуни ҷилваҳои ҳунарии шеъри тоҷикӣ дар солҳои 60-70, дар мисоли ашъори гуногунмавзуи Ғоиб Сафарзода ва дидгоҳи интиқодии донишмандон роҷеъ ба шеъри шоир ба таври дақиқу муфассал мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифта, ба ин васила маҳорати эҷодӣ ва мақоми шоирии ӯ ба таври мушаххас таъйин гардидааст.

Хулосаи диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 17 банди алоҳида оварда шудаанд. Дар охири ҳар банд ба мақолаи марбут ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истинод гардидааст.

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳои фаровони илмӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар матни диссертатсия дар ду шакл навиштани баъзе калимаҳо, ба монанди пажӯҳиш - пажуҳиш, тарҷума – тарҷима, густарда – густурда, мавзуъ – мавзӯъ, диссертатсия – рисола, ба назар мерасанд, ки ба андешаи мо риояи навишти ягонаи онҳо ба манфиат мувофиқ хоҳад буд.
2. Аз ҷониби Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна таҳти унвони «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ҳимоя ва интишор гардидааст, вале дар рӯйхати адабиёти кор ба таҳқиқоти мазкур, ки яке аз пажӯҳишоти нисбатан мукаммалу навтарин дар шинохти шахсият ва маҳорати эҷодии Ғоиб Сафарзода ба шумор меравад, ба назар намерасад. Хуб мешуд, ки дар нашри монографии кор аз пажӯҳиши мазкур истифода мегардид.

3. Муаллифи диссертатсия дар шинохт ва арзёбии жанрҳои адабӣ, аз ҷумла навъҳои мусаммат, ба иштибоҳ мувоҷҷеҳ шуда, менависад: «Ғайр аз шеъри дар навъи ғазал, қитъа, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ иншокардааш боз шеърҳое дорад, ки дар шакли мустазод, таркиббанд, мусаллас, мухаммас ва мусаммат суруда шудаанд» (саҳ. 136, 150), ҳол он ки мусаллас ва мухаммас аз навъҳои маъмули мусаммат мебошанд.
4. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои услубӣ («Раванди таҳаввули шеър ва ҷусторҳои ҳунарӣ дар он яке аз замина ва омилҳои асосии ташаккули адабиёти миллӣ ва тафаккури истиқлолхоҳӣ адабӣ барои адабиёти даврони истиқлоли мо гардидааст», – дисс., саҳ. 48), имлоӣ (баракс – дисс., саҳ. 22; хати – саҳ. 26; мисраҳои – саҳ. 36; таъсисдиҳагнадон – саҳ. 62, тоҷикистон – саҳ. 75) ва техникӣ ба назар мерасанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо боиси боло рафтани арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович мегардад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34

ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»
«4» январи соли 2025. Маҳмадалиева М.Р.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар,
кӯчаи Дӯстии халқҳо 44, ҳуҷраи 14.
Тел.: (+992) 000-99-20-27
E-mail: muhabbat-mr@mail.ru

Имзои Маҳмадалиева Муҳаббат
Раҳмоновнаро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»
«4» январи соли 2025. Исозода Т.И.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3222) 2-45-20; (+992 3222) 2-22-53.
E-mail: ktsu78@mail.ru